# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-092-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)

**Парвандаи аттестатсионии №________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 13 ноябри соли 2025, № 4**

Барои сазовор донистани Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ).

Диссертатсия дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ дар таърихи 28-уми августи соли 2025 ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шуд, суратмаҷлиси №1, шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст.

Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа, соли таваллудаш 1987, соли 2014 Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи имоми Аъзам Абуҳанифаро бо ихтисоси "Омӯзгори улуми ислом" хатм намуда, соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз руйи зинаи магистратура бо ихтисоси "Таърихи фалсафа" ва соли 2021 докторантураи доктори фалсафа PhD-ро аз руйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Аз моҳи октябри соли 2025 то ҳол дар вазифаи мушовири директори муассисаи давлатии мактаби байналмилаллӣ дар шаҳри Душанбе кор мекунад.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқотиаш диссертант 5 маводи чопӣ дорад, ки аз он 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-92 назди ДМТ таҳти қарори №1 аз 28 августи соли 2025 барои ҳимояи такрории рисолаи диссертатсионӣ қарори дахлдор қабул намудааст.

Эълони ҳимояи диссертатсия, матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 05 сентябри соли 2025 гузошта шудаанд. Вобаста ба руйхати ягона автореферат 11 октябри соли 2025 тақсим карда шуд. Ҳамаи тақризҳо ба Шурои диссертатсионӣ саривақт ворид гардиданд ва дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu) ҷой дода шуданд. Диссертатсия ба ҳимояи такрорӣ пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Точикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Худойдодзода Фаррух Бегиҷон** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи милии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил** – доктори илмҳои фалсафа, муовини директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Арбобзода Баҳодур** – номзади илмҳои фалсафа, и.в. мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар –** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, мудири шуъбаи масъалаҳои фалсафии дин Қурбоншоев И.Ҷ омода карда шуда, аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д ба имзо расидааст, қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 5 интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

Давлатов, А.Ш. Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ [Матн] / А.Ш. Давлатов, Ф.Б. Худойдодзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ. – 2020. – №7. – С.185-190.

Давлатов, А.Ш. Сабабҳо ва сатҳи хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ [Матн] / А.Ш. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ. – 2020. – №8. – С.197-202.

Давлатзода, А.Ш. Шаклгирии гуруҳҳои ифротгароии динӣ ва

таҳдиди онҳо ба фарҳанги миллӣ [Матн] / А.Ш. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ. – 2022. – №10. – С.161-169.

**Ба автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода – **Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович.** Тақриз мусбат буда, ҳамчун камбудӣ ва ҳолати баҳснок қайд карда мешавад, ки:

1. Муаллифро зарур буд, ки фаъолияти яке аз равияҳои ифротгароии динӣ, аз ҷумла ваҳҳобия ё салафияро, ки барои арзи ҳастӣ кардани бисёре аз ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ мусоидат намуд, ҳамчунин василаи ба низоъҳои дохилимазҳабӣ кашидани мусулмонон, барангехтани ҷангҳои шаҳрвандӣ ва “инқилобҳои ранга” қарор гирифт, таҳлил менамуданд;

2. Хуб мешуд, агар дар яке аз зербобҳо нақши оила, мактаб ва умуман маориф дар пешгирӣ кардани хатари ифротгароии динй ба фарҳангӣ миллӣ нишон дода мешуд. Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон – **Давлатова Озодамоҳ Сафомудиновна.** Тақриз мусбат буда, дар баробари он якчанд норасоиҳои ҷузъӣ дида мешаванд.

1. Хуб мешуд, агар диссертант аз натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологие, ки дар солҳои охир вобаста ба мавзуи мазкур гузаронида шудаанд, истифода мебурданд;

2. Диссертант роҳу шаклҳои таъсиррасонии ифротгароии динй ба фарҳанги миллӣ ва роҳҳои пешгирии хатари равияҳои динӣ - ифротӣ ба фарҳаиги миллиро таҳқиқ намуда, ба омилҳо ва сабабҳои ба вуҷуд омадани зуҳуроти ифротгароӣ кам аҳаммият додаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) дар сатҳи дахлдор навишта шуда, таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида мебошад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**коркард карда шуд, ки** ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар солҳои 1980-1990 дар Тоҷикистон маҳз бо сабабҳои дар боло зикршуда васеъ паҳн шуда, боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид ва пас аз он ҳам фаъолияти худро қатъ накард, балки ба фаъолиятҳои ғайриошкорои ифротӣ гузашта, дар шароити бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ошкоро таъсири худро дар ҷомеа тақвият бахшид. Ифротгароии динӣ-сиёсӣ як шакли хосси бегонапарастӣ мебошад, ки ба нобуд сохтани ҳувияти миллӣ ва фарҳанги миллӣ нигаронида шудааст;

**- пешниҳод шудааст, ки** сабабҳои асосии зуҳури ифротгароии динӣ-сиёсӣ коҳиш ёфтани шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва равонии ҳаёти ҷомеа буда, аз ин шароити ҷомеа гурӯҳҳои ифротии динӣ-сиёсие, ки аз ҷониби кишварҳои абарқудрат дастгирӣ меёбанд, истифода мебаранд;

**- исбот шудааст,** ки таҳлилу баррасии ифротгароии динӣ таърихи хеле ҷавон дорад, дар сурате, ки худи ифротгароӣ таърихи дуру дароз дорад ва дорои решаҳои бисёр амиқ мебошад ва зуҳуроти бисёрҷанбаи пуртазоддро дар бар мегирад. Доир ба сабабҳои пайдоиши он ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд ва онҳо аз мавқеи ғоявию андешаҳои фалсафии муҳаққиқон сарчашма мегирад. Аз ҷумла дар бораи он ки чаро ифротгароии динӣ дар ҷаҳони муосир (бахусус дар Тоҷикистон) густариши васеъ ёфтааст, андешаҳои гуногун вуҷуд доранд;

**- ҷорӣ намудани** методҳое, ки барои равшан сохтани моҳияти таълимоти гурӯҳҳои ифротгароии динӣ имкон медиҳанд, пеш аз ҳама методҳои умумиилмӣ: таҳлил, таҷзия, таҷрид, хулосабарорӣ ва дигар методҳои мантиқӣ зарур мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** имкон медиҳад, ки низоми мубориза бо паҳншавии таҳдидҳо ва чолишҳои ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон такмил ёбад ва ба қабули қарорҳои асосноки илмӣ ва амалӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат кунад. Дар баробари ин, методҳое, ки асосҳои назариявии рисоларо ташкил медиҳанд, мисли таҳлили муқоисавӣ, таърихияту мантиқият, усули гипотетикӣ – аксиоматикӣ, гузариш аз дониши абстрактӣ ба конкретӣ ва ғайра, методҳои назариявие мебошанд, ки асосҳои методологии рисолаи мазкурро ташкил мекунанд**, истифода бурданд;**

**баён шудани** он, ки имкони табдили ифротгароии исломӣ ба терроризми динию сиёсӣ вуҷуд дорад. Ин амал ба чандин омилу сабабҳо алоқаманд аст ва онҳо дар рисола таҳлили васеи худро пайдо кардаанд;

**ошкор гардидани он,** ки заминаҳое аз қабили бекорӣ ва ноогоҳиву бетаҷрибагии ҷавонон, ба зуҳури ифротгароии динӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунанд;

**омӯхта шуданд,** ки раванди ҷаҳонишавӣ ва ифротгароии байналмиллалӣ ба авҷгирии ифротгарои сиёсиву динӣ дар Осиёи Марказӣ дар сурати пайгирии давлатҳои абарқудрат аз манфиатҳояшон метавонад мусоидат кунад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** дақиқ будани маълумоти истифодашудаи муаллиф ва ҳаҷми мутаносиби маводи илмӣ-таҳқиқотии диссертатсия, инчунин коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти илмии унвонҷӯ, бармеояд. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод мешаванд.;

**муайян карда шуданд**, ки мавод ва хулосаҳои тадқиқоти рисола барои донишҷӯёну донишмандон, муҳаққиқони соҳа, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва илмӣ, гурӯҳҳои омӯзгорӣ, ки вобаста ба мавзӯи мазкур тадқиқот мегузаронанд, метавонанд аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта бошанд;

**муаррифӣ карда шуд**, ки маҷмӯи методҳои илмие, ки барои иҷрои ҳадафҳои дар рисола баёншуда зарур мебошанд, истифода шудаанд, ҳамчунин асарҳои муҳимми муҳаққиқони шинохтаи масъалаи мазкур, чи хориҷӣ ва чи ватанӣ барои таҳқиқи дурусти мавзӯи рисола мавриди истифода қарор гирифтаанд;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷи илмӣ.** Муаллифи диссертатсия мавзуи таҳқиқотро мустақилона бо машварати роҳбари илмӣ интихоб намуда, тамоми сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро шахсан мутолиа ва таҳқиқ кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия асосҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои худогоҳӣ, ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосирро мавриди таҳқиқ қарор дода, фаҳмиши нав ва тафсиру тавзеҳи муаллифии баъзе аз мафҳумҳои асосии ба мавзуъ дахлдоштаро пешниҳод намудааст.

Дар маҷлиси 13 ноябри соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин тарафдорӣ намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5

нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – 1.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Саид Н.С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ**

13 ноябри соли 2025